«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”, доктори илмҳои таърих, профессор
_____________Усмонзода А.И.
“_01_”____04____2025с.

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич дар мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05.- Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.03. - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.

*Мубрамии мавзуи таҳқиқотии диссертатсионии* Усмонов Зарифҷон Ҷумабоевич аз он бар меояд, ки довталаб дар ҳалли масъала ва коркарди мавзуи илмӣ аз корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони соҳаҳои гуногуни илм, истифода бурда, бевосита дар ҷамъоварию коркарди маводи воқеӣ ва маълумоти омории ибтидоӣ оид ба фаъолияти коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг дар тарбияи эстетикии донишҷӯён, дар ҷамъбасти таҷрибаи кории ин ду ниҳоди муҳими тарбияи эстетикӣ, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот, муайян намудани заминаи назариявӣ-методологии таҳқиқот, санҷиши натиҷаҳои давраҳои гуногуни таҳқиқот, таҳияи асосҳои барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар раванди ҳамкории коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг, аз озмоиш гузаронидани он, ироаи хулосаву пешниҳодҳо ва тавсияҳо барои муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг иборат мебошад.

Довталаб дар ҳалли масъала ва коркарди мавзуи илмӣ аз омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ, шарҳ ва муқоисаи маълумоти коркардшудаи илмӣ, аниқсозӣ ва тавсеаи дастгоҳи илмӣ, интихоби методҳои таҳқиқот, асосноккунӣ ва таҳияи асосҳои барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар раванди ҳамгироии функсионалии коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг, муайян кардани шароити педагогӣ ва коркарди шаклу усулҳои нави фарҳангию маърифатӣ дар байни донишҷӯён, ҷамъбасту натиҷагирӣ аз раванди корҳои таҳқиқотӣ,

пешниҳоди тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон ва кормандони фарҳанг оид ба тарбияи эстетикӣ, иштирок кардааст.

Аҳаммияти илмии диссертатсия аз иборат аст, ки дар ҷаҳони муосир равандҳои ҷаҳонишавӣ босуръат идома ёфта, ҷараёни гуфтугӯи тамаддунҳо рушд меёбанд ва онҳо тақозо менамоянд, ба ҳифзи мероси фарҳангӣ, нигаҳдории арзишҳои фарҳангӣ-зебоипарастӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад. Вобаста ба ин, масъалаҳои таълиму тарбияи насли наврас, бахусус, ташаккули фарҳанги зебоипарастии онҳо зарурияти махсус касб мекунанд. Натиҷаҳои бадастовардаи диссертатсия нишон медиҳанд, ки раванди корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ бояд на танҳо ба азхудкунии донишҳои эстетикӣ равона гардад, балки ҷавонон ба фаъолияти эстетикӣ ҷалб карда шуда, инкишофи қобилиятҳои эҷодӣ, шахсияти комил ташаккул ёбад, онҳо ба дарки хуби зебоӣ, фаҳмидани адабиёт ва санъат, арзёбии арзишҳои эстетикӣ низ сарфаҳм рафта тавонанд. Дар ин раванд фанҳои эстетика ва этика, санъат, иштироки бевоситаи донишҷӯён дар чорабиниҳои фарҳангию маърифатӣ нақши муҳим мебозанд, зеро ба онҳо имконият медиҳанд, ки эҳсосот ва ҳиссиёт инкишоф, завқи зебоипарастӣ ташаккул ва фаъолии иҷтимоӣ-фарҳангии онҳо такмил ёбанд. Муаллифи диссертатсия яке аз роҳҳои мукаммал гардонидани ин равандро дар ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг мебинад.

Аҳаммияти таҳқиқоти диссертатсионии Усмонов Зарифҷон Ҷумабоевич дар он аст, ки унвонҷӯ доир ба консепсияи интегративии тарбияи эстетикӣ хулосаҳои хешро баён дошта, шартҳои педагогии мукаммалгардонӣ ва ҳамкории функсионалии коллеҷ ва муассисаҳои фарҳангро дар ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва методӣ асоснок намудааст. Саҳми илмии муаллифи диссертатсия Усмонов З.Ҷ. дар нуктаҳои зерини ҷамъбастии таҳқиқот инъикоси худро ёфтаанд:

- дар назария, методика ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ консепсияи ҳамгироии фаъолияти муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар заминаи шаҳрҳои аҳолиашон камшумор таҳия ва аз озмоиши педагогӣ гузаронида шудааст;
- хусусиятҳои фарҳанги зебоипарастии донишҷӯёни коллеҷҳо муайян карда шуда, имкониятҳои ташаккули он дар раванди таълими фанни эстетикаву этика, ҳамзамон ҷараёни корҳои беруназаудиторӣ ошкор

карда шуда, дар ин самти корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ аҳаммияти муассисаҳои фарҳангии шаҳр ошкор гардидаанд;
- радабандии (типология)-и дараҷаи фаъолнокии фарҳангӣ ва бадеӣ-эҷодии донишҷӯён коркард ва вазифаҳои тарбиявӣ-эстетикӣ вобаста ба он мушаххас гардидаанд.
- технологияҳои ҳамкории функсионалии коллеҷҳо бо муассисаҳои фарҳанг оид ба ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён асоснок ва дар фаъолияти ин ниҳодҳои муҳими тарбиявӣ муайян гардиданд, нақш, ҷойгоҳ ва вазифаҳои ҳар яке аз ин ниҳодҳо ошкор карда шуданд. Бори аввал таҷрибаи муфиди амалии муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг дар тарбияи эстетикии донишҷӯён мавриди омӯзиш, ҷамъбаст ва таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, самаранокии он муайян карда шудааст.

Ҳамчунин, аҳаммияти амалии таҳқиқот бо имконияти истифодаи натиҷаҳои он дар раванди тарбиявии муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳанг оид ба ташаккули зебоипарастии донишҷӯён ва механизмҳои мукаммалгардонии ҳамкории онҳо асоснок ва муайян мегардад. Маводи назариявӣ, методӣ, барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён, ва дастури таълимии таҳия гардидаро дар такмили ихтисоси омӯзгорони коллеҷ ва кормандони муассисаҳои фарҳанг истифода бурдан мумкин аст.

Инчунин, аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот боз дар он зоҳир мегардад, ки таҳлили назариявӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои таҷрибавӣ-педагогии онро, ки аз тариқи озмоиш татбиқу тасвиб ва самаранокии онҳо собит шудаанд, масъулини корҳои тарбиявии коллеҷҳо метавонанд ҷиҳати ташаккули фарҳанги зебоипарастии шогирдон, баланд бардоштани сифат ва самаранокии чорабиниҳои таълимиву тарбиявӣ ва фарҳангию фароғатӣ мавриди истифода қарор бидиҳанд.

*Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии* Усмонов Зарифҷон Ҷумабоевич дар мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» ба бандҳои шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03-Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ), аз ҷумла, ба банди 1 - Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва банди 4 - Сифати ташкили чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ (технология

ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мутобиқ мебошад.

Рисола аз ду боб, панҷ фасл, рӯйхати адабиёт ва заминаҳо иборат аст. Дар боби аввал, ки **«Ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯёни коллеҷҳо чун проблемаи иҷтимоӣ-педагогӣ»** номгузорӣ шудааст, масъалаҳои назариявии тарбияи эстетикӣ, нақши муассиаҳои таҳсилотӣ ва фарҳанг дар ин низом, хусусиятҳои ташаккули фарҳанги эстетикӣ дар коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг барррасӣ гардида, таҳқиқотҳои олимони соҳаҳои гуногуни илм – фалсафа, педагогика, эстетика, психология ва дигар илмҳо оид ба эстетика ва тарбияи эстетикӣ ҳамчун хорикаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва арзиши тарбиявӣ-эстетикӣ таҳлил ва баррасӣ гардидааст. Консепсияҳои мухталифи олимони ватанию хориҷӣ, аз қабили М.А.Ариарский, М.А.Верб, М.С.Каган, А.Н.Леонтев, С.Раҳимов, М.Лутфуллоев, Ф Шарифзода, А. Нуров, В.Е. Триодин, Н.Н. Ярошенко ва муаллифони дигар ҳамчун асоси назариявӣ ва методологии диссертатсияи мазкур истифода шудааст. Дар ин замина истилоҳи «ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ» вобаста ба мавзуи таҳқиқот шарҳу тавзеҳ дода шуда, он ҳамчун арзиши миллӣ ва умумибашарӣ таҳлил гардидааст. Нуқтаи назария олимони соҳаи педагогика, С.Н. Зоҳидова, М. Лутфуллоев, И.Каримова, М. Саидов, Ф. Шарифзода, А.Мирализода, назария, методика ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ Д.Латифзода, ки дар муайян намудани принсип, функсияи фарҳанги эстетикӣ, омилҳои ташаккули он, мазмун, шакл ва воситаҳои тарбияи эстетикӣ аҳаммияти калон доштанд, дар навиштани диссертатсия мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар қисми назариявии диссертатсия, ҳамзамон ба корҳои илмии олимоне, ки ба масъалаҳои ҳамкории функсионалии ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа бахшида шуданд ва онҳоро таҳқиқ карданд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст. Дар ин замина таҷрибаи амалии ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг оид ба ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар мисоли шаҳрҳои аҳолиашон камшумор ҷамъбаст, таҳлил ва баррасӣ карда шуда, камбудиҳо дар фаъолияти ин ниҳодҳои тарбиявӣ ошкор ва роҳҳои бартараф кардани онҳо нишон дода шудаанд.

Дар ин боб дар заминаи таҳқиқотҳои озмоишии педагогӣ шартҳои иҷтимоӣ-педагогии беҳтар намудани кори муассисаҳои таҳсилот ва фарҳанг дар тарбияи эстетикии донишҷӯён аз ҳар ҷиҳат шарҳу маънидод ва ошкор карда шуда, муаллифи диссертатсия андешаҳои ҷолиброро оид ба беҳтар намудани ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар

заминаи такмили илмиву методии ин унсури тарбиявӣ пешниҳод намудааст, ки барои таҷрибаи ҳамкории ниҳодҳои иҷтимоӣ- фарҳангӣ аҳаммияти махсус доранд. Вобаста ба ин, дар диссертатсия таҷрибаи пешқадами коллеҷ ва муассисаҳои фарҳангӣ дар ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ ҷамъбаст карда шуда, барои беҳтар намудани кор дар ин самт таклифҳои мушаххас пешниҳод шудаанд. (саҳ. 112, дисс.).

Дар боби дуюми диссертатсия **«Шароитҳои педагогии ҳамкории мутақобилаи коллеҷ ва муассисаҳои фарҳангӣ - шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён»** зимни озмоиши педагогӣ, ки дар се марҳила: муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва назоратӣ сурат гирифтааст, дараҷаи ташаккули фарҳанги зебоипарстии донишҷӯён дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ муайян карда шудааст; дараҷаи азхудкунии арзишҳои эстетикӣ ва ҷалби онҳо ба фаъолияти эҷодиву бадеӣ таҳқиқ гардидааст; имкониятҳои педагогии мукаммалгардонии фаъолияти онҳо дар ин самт ошкор шудааст.

Аз ҷониби довталаб Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевия дар ин боб асосҳои барномаи педагогӣ таҳия, механизмҳои амалӣ гардонидани он муайян ва тариқи озмоиш самаранокии он мавриди санҷиш қарор гирифтааст. Инчунин принсип, самтҳои афзалиятнок ва воситаҳои мухталифи таъсиррасонии маърифатӣ ва ҳиссӣ, ки дар рисола мавриди истифода қарор дода гардидаанд, пурра оварда шудаанд. (Диссертатсия, саҳ.94-96).

Муаллифи диссертатсия бамаврид ва дуруст қайд мекунад, ки оид ба корҳои озмоишии анҷомдода пеш аз ҳама дараҷа ва нишондодҳои арзёбии дониши эстетикӣ ва маърифати зебоипарастӣ муайян бояд кард ва дар заминаи он масъалаҳои иштироки донишҷӯён дар корҳои беруазаудиторӣ ва муассисаҳои фарҳангии шаҳр, ҷалби онҳо ба фаъолияти эстетикӣ ошкор карда шавад.

Дар анҷоми таҳқиқот унвонҷӯ Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич натиҷаҳо ва нуктаҳои асосии таҳқиқотро доир ба самаранокии паҳн намудаи барномаи ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯёни коллеҷро барои муассисаҳои фарҳангӣ ва нақшаҳои махсуси муассисаҳои фарҳангро барои донишҷӯёни коллеҷ таҳлил намуда, ба хулоса меояд, ки истифодаи ин барнома дар соҳаи фарҳанг, шавқу рағбати кормандони коллеҷ, волидайн муҳим аст, ки худи муҳассилинро ба чорабиниҳои фарҳангии хонаи фарҳанг ва намоишномаҳои театрӣ афзун мегардонад. Ин нуктаҳо дар боби дуюм пурра инъикос карда шуданд. (Диссертатсия, саҳ. 142- 144).

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ: навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи кори таҳқиқотии мубрам, муҳим ва барои низоми маориф ва фарҳанг заруро анҷом додааст. Баъзе нуктаҳои онро номбар мекунем:

- асосҳои педагогии имкониятҳои тарбиявӣ-эстетикӣ чун соҳаи фаъолияти ҳамкории мутақобилаи коллеҷҳои техникӣ ва марказҳои фарҳангӣ-тарбиявӣ дар шаҳрҳои аҳолиашон камшумор ҳамаҷониба таҳлил карда шудаанд;
- ташкил намудани рушди эстетикии муҳассилин бо дарназардошти баҳисобгирии маълумот доир ба муҳити эстетикии ҷавонон ва дараҷаи фаъолнокии бадеӣ-эҷодии онҳо, инчунин, ба роҳ мондани ҳамоҳангсозии ниҳодҳои тарбиявӣ-эстетикӣ пешгӯӣ шудааст;
- номуттасилии фаъолияти якҷояи ин ниҳодҳо дар кори беруназаудиторӣ, ки дар натиҷаи такяи нокифоя ба барномаи ягонаи тарбияи эстетикӣ бо марказҳои фарҳангию тарбиявӣ ба вуҷуд омадааст, бартараф гардида, механизмҳои ҳамкории мутақобилаи коллеҷ ва марказҳои фарҳангӣ-тарбиявӣ дар ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ ошкор гардидаанд;
- ба дараҷаи зарурӣ ба эътибор нагирифтани махсусиятҳои марказҳои фарҳангию тарбиявӣ дар ҳамкорӣ доир ба тарбияи эстетикии ҷавонон, суст гардидани ҳамоҳангсозии нерӯи тарбиявии муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳанг муайян шуда, нақшаи намунавии фаъолияти муштараки ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Асосҳои барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар раванди ҳамгиройи мутақобилаи коллеҷ ва марказҳои фарҳангӣ-тарбиявӣ таҳия ва самаранокии истифодаи он тариқи озмоиш собит гардидааст, тавсияҳои методӣ коркард ва ироа шудаанд.

Инчунин, арзиши назариявии таҳқиқот аз асосноккунии равишҳои илмии таҳқиқи масоили ягонагии ногусастании фаъолияти ниҳодҳои таҳқиқшуда – коллеҷҳои техникӣ ва муассисаҳои фарҳангии шаҳрҳои аҳолиашон камшумор дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии муҳассилини таҳқиқшуда бо назардошти хусусиятҳои коллеҷҳои техникӣ иборат мебошад. Шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги эстетикӣ ва роҳҳои мукаммалгардонии фаъолияти тарбиявӣ-эстетикӣ тибқи принсипҳои муносибати маҷмуӣ ва ҳамгиройӣ дар тарбия муайян, заминаҳои илмии барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ асоснок ва таҳия шудаанд.

*Аҳаммияти амалии таҳқиқотро* тавсияҳои илмӣ-методии таҳия ва манзуршуда, ки ба ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён нигаронида шудааст, ба таври самаранок метавонанд коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанги дигар шаҳру ноҳияҳо истифода баранд. Ин барномаи педагогии таҳия ва пешниҳодшуда ба назари мо метавонад дар марказҳои фарҳангӣ-эстетикӣ амалӣ гардад, ки фаъолияти он табиатан ҳамаи унсур ва самтҳои кори тарбиявӣ-эстетикиро бо роҳи истифодабарии муносибати инфиродӣ, технологияи гуногуни барои таҷдиду такмили кори тарбиявӣ доир ба эстетикикунонӣ нигаронидашуда, дар бар мегирад. Ҷорӣ намудани барномаи педагогии ҳамкории мутақобилаи муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ дар кори Марказҳои фарҳангию эстетикӣ ва фароғатӣ, натиҷаи баландшавии фарҳанги зебоипарастӣ, дар навбати худ, мустаҳкамшавии мавқеи эстетикӣ, арзиши эстетикии хуб, бадро ҷудо карда тавонистан чун арзиши асосии фаъолияти ҳаётӣ мегардад.

Истифодаи натичаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои илмӣ-методии таҳия шуда барои кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва марказҳои фарҳангию фароғатӣ дар корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ кӯмак мерасонад. Инчунин, маводи дар рисола оварда шуда барои шуъбаҳои маориф ва бахшҳои фарҳанг, дигар муассисаҳои таълимию тарбиявии минтақа ва ҷумҳурӣ ҳамчун дастури хуби таълимӣ-методӣ ёрӣ расонида, дар семинарҳои кормандони соҳаи маориф ва фарҳанг мавриди истифода қарор дода шуда метавонад.

*Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ* ва корҳои озмоишӣ-таҳқиқотӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳо, инчунин тавсияҳо барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот коркард ва пешниҳод шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалӣ анҷом дода шудааст ва истифодаи мунтазами онҳо дар байни донишҷӯён ва умуман ҷавонон, имкон медиҳад, ки муҳити фаъоли иҷтимоиву фарҳангӣ ва эстетикикунонии раванди таҳсилот бо суръати динамикӣ эҷод гардида, шавқу ҳаваси ҷавонон ба арзишҳои эстетикӣ зиёд шавад. Инчунин, онҳо метавонанд салоҳиятҳои бадеӣ-эҷодии заруриро барои иштироки фаъолона дар ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва муносибати эҷодкорона ба коллеҷ ва ҷомеа аз худ намоянд.

Хулоса ва натиҷаҳои муҳими ба дастовардаи таҳқиқот он аст, ки асоси фарҳанги эстетикиро ташкилкунанда ҳамкории сохторҳои маориф ва фарҳанг мебошад. Маводи бадастомада ва хулосаҳои таҳқиқот метавонад ҳангоми маърузаҳо, ташкили курсҳои махсус, семинарҳо

барои донишҷӯён, омӯзгорони оянда ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон ва кормандони фарҳанг мавриди истифода қарор дода шавад.

*Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионии* Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич бо нуктаҳои зерини дар заминаи озмоишҳои педагогӣ бадастовардашуда пешниҳод гардидаанд:

- ягонагии ногусастании фаъолияти ниҳодҳои таҳқиқшуда-коллеҷҳои техникӣ ва муассисаҳои фарҳангии шаҳрҳои аҳолиашон камшумор дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии муҳассилини таҳқиқшуда бо назардошти хусусиятҳои коллеҷҳои техникӣ асоснок гардидааст;
- шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги эстетикӣ ва роҳҳои мукаммалгардонии фаъолияти тарбиявӣ-эстетикӣ тибқи принсипҳои муносибати маҷмуӣ ва ҳамгиройӣ дар тарбия муайян, заминаҳои илмии барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ асоснок ва таҳия шудаанд;
- радабандии (типология)-и дараҷаи фаъолнокии фарҳангиву, бадеӣ-эҷодии донишҷӯён коркард ва вазифаҳои тарбиявӣ-эстетикӣ вобаста ба он мушаххас карда шуданд.

*Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмӣ.* Дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи довталаби кори илмӣ Усмонов Зарифҷон бо заминаи назариявию методологӣ, ки осори илмию педагогӣ ва психологиро дар бар мегирад; истифодаи маҷмуи методҳои якдигарро пурракунандаи раванди таълим, ки ба вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунанд; истифодаи васеи сарчашмаҳо ва маводи гуногуни илмию оморӣ, таълимию методӣ ва маводе, ки якдигарро мукаммал ё дақиқ месозанд, ҳамчунин, тавассути татбиқи муносибати ба шахсият равонашуда, эстетикикунонии раванди таҳсилот ва фароғати муташаккили ҷамъиятӣ ва истифодаи методҳои гуногуни эмпирикӣ ва назариявии таҳқиқот, таҳлил ва ҷамъбасти фаъолияти коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг, натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастовардашуда ва тасвибу тасдиқи онҳо дар ҷараёни таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ дар байни донишҷӯёни коллеҷҳо таъмин гардидааст.

Дараҷаи эътимоднокӣ бо мувофиқати муқаррароту хулосаҳои назариявии ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар раванди ҳамкории коллеҷу муассисаҳои фарҳангӣ ва кофӣ будани сарчашмаҳои

истифодашуда, асоснокии истифодаи усулҳои озмоишӣ ва маълумоти дар натиҷаи таҳқиқоти озмоишӣ бадастомада, таъмин карда шудааст.

Инчунин, боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зуҳур меёбанд, ки муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ асоснок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ ва кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот анҷом ёфтаанд. Он бисёрҷанба ва тулонӣ ба иҷро расида (таҳқиқот ҳафт солро дар бар гирифтааст), дар ҷараёни он мутобиқати методҳои муносиби омӯзиши ин мавзуъ собит гардидааст ва ин имкон медиҳад ба хулосае оем, ки хулосаҳо ва муқаррароти ниҳоии таҳқиқот боэътимод ва асоснок мебошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои асосӣ дар раванди таълими фанни эстетика ва этика дар коллеҷи техникии ш. Панҷакент, корҳои беруназаудитории он, дар нишастҳои илмӣ-методӣ, семинарҳо доир ба масъалаҳои корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ, иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар бадастории маълумот, батартибдарорӣ ва санҷишу дар амалия татбиқ намудани онҳо тасдиқи худро ёфтаанд. Инчунин, дар истифодаи усулҳои озмоишӣ, иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар бадастории далелҳо, батартибдарории онҳо ва санҷишу дар амалия татбиқ намудани онҳо зоҳир мегардад.

Натиҷаҳои таҳқиқот тавассути маърузаҳои илмӣ ва суханрониҳо дар конференсияҳои илмии байналмилалӣ (Федератсияи Россия, институти фарҳанги ш. Челябинск), нишастҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва дар ҷаласаҳои шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ироа гардидааст. Ҳамчунин, муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ тавассути ироаи маърузаҳо дар чорабиниҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввар ва интишори дастури таълимӣ тасвиби худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 7 номгӯй интишороти илмии муаллиф, аз он ҷумла 3 мақолаи илмии дар нашрияҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, 3 номгӯй дар маҷмуаҳои дигар, маводи конференсияҳо ва як дастури таълимӣ ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода мекунанд. Аз ин лиҳоз, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқоти аз нигоҳи илмӣ асосноккардашуда, боэътимод ва боварибахшанд. Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, мантиқи фикрронӣ ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

*Баҳогузории ягонагии дохилии натиҷаҳои бадастомада.* Ягонагии натиҷаҳои бадастомадаро аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ риоя гардидани муҳлати марҳалаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор додани методҳои таҳқиқотии мувофиқ ба объект, мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти миқдору ҳаҷми гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии тасвиби озмоиш дар амалияи фаъолияти тарбиявӣ – эстетикӣ таъмин намудааст.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи хуб таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

***Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.*** Лозим ба зикр аст, ки дар диссертатсияи Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич дар баробари дастовардҳо ва ёфтаҳои илмӣ, ки дар диссертатсия хеле зиёданд, бархе аз костагиҳо ва норасоиҳо дар рисола ва автореферат ба назар мерасад, ки ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба манфиати кор хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Чизи нахусте, ки ба назар мерасад он аст, ки доир ба масъалаҳои тарбияи эстетикӣ афкор ва андешаҳои мутафаккирони тоҷик бештар истифода мешуд, рисолаи диссертатсионии иҷро шуда бурд мекард. Вале онҳо дар диссертатсия камтар ба чашм мерасанд.
2. Бисёр хуб мешуд, ки асосҳои барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ, ки дар диссертатсия таҳияи он пурра оварда шудааст, дар автореферат низ пурратар ҷой дода мешуд.
3. Аз ҷониби муаллиф дар диссертатсия аз таҷрибаи фаъолияти мактабҳои мусиқӣ оид ба тарбияи эстетикӣ мисолҳо оварда шуда, мушкилоти онҳо инъикос гардидаанд. Аммо, кори мактабҳои мусиқии шаҳри Панҷакент, ва умуман, вилояти Суғд, мавриди таҳлили пурра қарор дода нашудаанд. Баррасӣ ва таҳлили кори онҳо дар тарбияи эстетикӣ арзиши кори илмиро боз ҳам баланд мебардошт.
4. Дар феҳристи адабиёт баъзе ноҷӯриҳо, баъзе ҳамхониҳо номутобиқатҳо ба назар мерасад, ки аз ислоҳи онҳо диссертатсия бурд мекард.
5. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои грамматикӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард.

Бояд зикр кард, ки камбудӣ ва норасоиҳои зикршуда ислоҳшаванда буда, арзиши комили илмии диссертатсия ва дастовардҳои назарраси онро кам намекунад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**

Хулоса ва натиҷагириҳои муаллифи рисолаи илмии Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич бо далелҳои муътамад навишта шуда, аз сатҳи дониши баланду истеъдоди хуби илмӣ дарак медиҳад. Дар хулосаи диссертатсия консепсияи ташаккули фарҳанги эстетикии муҳассилин бо дарназардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ-фарҳангии минтақа, механизмҳои фаъолияти якҷояи муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳанг оид ба ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён, шароитҳои педагогии ҳамкорӣ дар ташаккули фарҳанги эстетикӣ дар раванди таълим ва корҳои беруназаудитории коллеҷҳо ва ба эътибор гирифтани онҳо дар корҳи тарбиявӣ-эстетикии муассисаҳои фарҳанг ва ғ. дақиқ ва мушаххас оварда шудаанд.

Диссертатсияи Усмонов З.Ҷ. дар мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05.- Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.03. - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ), пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05.- Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.03. - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” Кучибоев Ш.И. мураттаб гардидааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Усмонов

Зарифҷон Ҷумъабоевич иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров", 17 нафар устодону омӯзгорон иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 17 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест. (Қарор дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" таҳти №8 аз 28.03.2025 тасдиқ шудааст).

**Раиси ҷаласа**:
мудири кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии
МДТ "Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров", номзади илмҳои
педагогӣ, дотсент _____________ Вализода Ш.

**Эксперт:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии
МДТ "Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" _________ Кучибоев Ш.И.

**Котиби илмии ҷаласа:**
Муаллими кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии
МДТ "Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ___________ Ғафорова С.П.

Имзои дотсентон Вализода Ш., Кучибоев Ш.И. ва Ғафорова С.П - ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрхо ва корҳои
махсуси МДТ "ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров" ___________ Сайдуллозода З.С.

**Суроғаи муассисаи пешбар**
Нишонӣ: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон:
ш. Хуҷанд гузаргоҳи Мавлонбеков, 1;
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"
Тел: (992-3422) 6-52-73; (+992) 92 -778-26-40.
E-mail: rector@hgu.tj; kuchiboev1975@mail.ru, www.hgu.tj,
"28" 03 соли 2025.